ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Аминов Бахтиёр Усмонович дар мавзуи «Масъалаҳои ахлоқ дар рисолаи «Унвону-л-баён»-и Абдуллоҳи Шабровӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03. - Таърихи фалсафа пешниҳод гардидааст.

Таҳқиқу баррасии мероси ниёгон ва дар замони муосир корбасти арзишҳои бузурги онҳо яке аз масъулиятҳои аввалиндараҷаи таърихи фалсафа ба шумор меравад. Дар ин масири пуртазод ва ҷаҳонишавии фарҳангу тамаддунҳо таълимоти фалсафӣ-ахлоқии мутафаккирони ҷаҳони пургановати илм, махсусан асрҳои миёна аҳаммияти хосса дорад. Бинобар ин, дарки дурусти ин мероси гаронарзиш, аз ҷумла омӯзиши таълимоти фалсафӣ-ахлоқии мутафаккирон ба монанди: Арасту, Абунасри Форобӣ, Абуалӣ ибни Сино, Носири Хусрав, Насриддини Тусӣ, Саъдии Шерозӣ, Унсурулмаолии Кайковус, Ҷалолиддини Балхии Румӣ, Ҷалолиддини Давонӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Аҳмади Дониш ва дигарон ниҳоят муҳим мебошад. Ҷомеаи имрӯзаи моро зарураст, ки барои ба танзим даровардани муносибатҳои ахлоқии ҷомеа аз осор ва таълимоти чунин мутафаккирон мунтазам кор гирад.

Мусаллам аст, ки ҷавонон ояндаи миллати мо мебошанд ва чигунагии сатҳи донишу фарҳанг ва ба хусус ахлоқи ҳамидаи онҳо барои бунёди ҷомеаи ҳуқуқбунёд ва дунявӣ бисёр муҳим арзёбӣ мешавад. Ҷомеаи тоҷик, ки дар раванди гузариш ба ҷомеаи шаҳрвандӣ қарор дошта, ниёз ба тарбияи ахлоқии насли наврас ва ҷавононро бештар эҳсос мекунад. Аз ин рӯ, таҳқиқи мавзуи ахлоқи ҷавонон дар ҷомеаи муосир барои таҳкими заминаҳои ахлоқӣ, маънавӣ ва фарҳангии ҷомеа ва инчунин барои таҳияи тавсияҳо ҷиҳати беҳтарсозии сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбияи ҷавонон хеле зарур ва саривақтӣ мебошад.

Аз ҷумлаи мутафаккироне, ки дар илми ахлоқ саҳми бағоят назаррас дорад ва осори гаронбаҳои ӯ барои ҷомеаи имрӯзаи мо хидмати бузурге

карда метавонад, Абдуллоҳи Шабровӣ аст. Хусусияти таълимоти ахлоқии Абдуллоҳи Шабровӣ дар он аст, ки ӯ арзишҳои ахлоқиро ба ғояҳои тозаи худ баён мекунад. Ӯ дар илми фалсафа, ахлоқ ва ҷомеашиносӣ назари тозаи худро дорад. Дар натиҷаи талошҳои ӯ арзишҳои ахлоқӣ дар як қатор мамлакатҳои Шарқ ҷавҳари тозаи худро ҷило доданд. Махсусан дар ҳавзаҳои илмии Миср, Шом, Осиёи Хурд, Покистон, Ҳиндустон, Хуросону Мовароуннаҳр ва монанди инҳо омӯзиши афкори фалсафӣ-ахлоқии Абдуллоҳи Шабровӣ дар асрҳои XVIII – XIX хеле афзуд. Таҳқиқи андешаҳои ахлоқии ин мутафаккир айни замон барои тарбияи насли ояндасози ҷомеа хеле муҳим мебошад.

Автореферати рисолаи номзадии Аминов Б.У. дар мавзуи «Масъалаҳои ахлоқ дар рисолаи «Унвону-л-баён»-и Абдуллоҳи Шабровӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03. – Таърихи фалсафа, аз ҷумлаи ин гуна кӯшишҳои шоиста дар таҳқиқи масъалаҳои миҳимми ахлоқӣ ба шумор меравад. Боиси дастгирист, ки муаллиф мубрамӣ ва зарурияти таҳқиқи мавзуи рисоларо дар чанд нуктаи муҳим нишон медиҳад, ки яке аз онҳо авзои хатарзои ҷомеаи инсонӣ дар бахши ахлоқ аст. Муаллифи рисола қайд мекунад, ки хусусиятҳои хоси таълимоти фалсафӣ-ахлоқии Абдуллоҳи Шабровӣ, дар фарқият аз дигар мутафаккирони асрҳои миёна дар он аст, ки ӯ талош кардааст, ки бештар дар тарбияи инсони комил таваҷҷуҳ дошта бошад. Абдуллоҳи Шабровӣ дар масъалаи таълимоти ахлоқ роҳи фарқкунандаеро паймудааст, ки маҳсули он дар осораш инъикос гардидааст. Назарияи мукаммали гуманистӣ-ахлоқии худро дар «Унвону-л-баён» ба таври муфассал баён кардааст. Абдуллоҳи Шабровӣ то ҳадде кӯшиш кардааст, ки воситаҳои наҷоти инсониятро аз ғафлату ҷаҳолат бо роҳи тарбия ва бо дарёфтани маърифати комили инсонӣ пайдо намояд. Абдуллоҳи Шабровӣ саодати инсонро дар анҷом додани амалҳои хайр медонад. Фазилат ва разолатро ҳамеша мухолифи ҳамдигар медонад. Ба назари ин мутафаккир вақте ки сиришти инсонро разолатҳо фаро мегиранд ва ақли инсон тобеи

нафси ҳайвонӣ қарор мегирад, дигар чизе аз лаззати ҳаёт барои шахс боқӣ нахоҳад монд. Муаллифи рисола кӯшиш намудааст, ки дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду таҳқиқ, асосҳои методологӣ ва назариявӣ, навгониҳои таққиқ ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро мувофиқ ба талаботи ҷорӣ пешниҳод кунад. Қисми асосии автореферат паҳлуҳои муҳими масъалаҳои гузошташударо инъикос менамояд.

Саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқу ироаи навгонии илмии рисола ва нуктаҳои муҳиме, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, дар шакли мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конфронсҳои илмӣ-амалӣ ифода ёфтааст. Тарзи навишт ва таҳқиқ, масъалагузорӣ ва услуби автореферат саҳми муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Зимни баёни арзиши воло муваффақиятҳои автореферат, бояд ба чанд норасоиҳои он ишора кард, ки ислоҳи он боиси боз ҳам беҳтару хубтар гардидани кор хоҳад шуд:

1. Дар автореферат иштибоҳҳои техникӣ ва мантиқӣ ба назар мерасанд;

2. Ҳангоми баррасии ҳаёт ва фаъолияти Абдуллоҳи Шабровӣ, падидаҳои таърихии замони мутафаккир каме муфассал баён гардидааст. Чунки дар бораи замони ин донишманд таърихномаҳо ва рисолаҳои зиёде таълиф ёфтаанд ва зарурате ба муфассал баён кардани онҳо дида намешавад.

Бояд гуфт, ки дар баробари камбудиҳои ҷойдошта автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллиф мазмуни диссертатсияро пурра фаро гирифта, хулосаҳои муаллиф, масъалаҳои мавриди баррасӣ ҳаллу фасли худро пайдо намудаанд. Муҳтавои автореферат оид ба таҳқиқоти диссертатсионӣ тасаввуроти комилро ба вуҷуд меорад. Хулосаҳои муҳаққиқ илман асоснок ва нишондиҳандаҳои асосӣ ба эътимоднокии таҳқиқот меафзояд.

Дар асоси далелҳои мазкур, автореферати диссертатсияи Аминов Б.У. дар мавзуи «Масъалаҳои ахлоқ дар рисолаи «Унвону-л-баён»-и Абдуллоҳи Шабровӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03. -Таърихи фалсафа ҳамчун амали

мустақилона ва мукаммали илмӣ, ба талабот ва шартҳои дарёфти дараҷаи илмӣ тибқи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03. -Таърихи фалсафа мебошад.

Тақризиҳанда: Мудири редаксияи фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Сарредаксияи
илмии Энсиклопедияи миллии Тоҷик
н.и.ф., дотсент У.Н. Камолов

Суроға: 735115 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Рӯдакӣ,
деҳаи Меҳробод, хонаи №7
Тел.: (+992) 900-12-71-71
E-mail: usmonalikamolov4@gmail.com

Имзои Камолов У.Н.-ро тасдиқ мекунам,
сардори шуъбаи кадрҳои СИЭМТ С. Холиқова

Суроғаи муассиса: 734018 шаҳри Душанбе,
ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Н. Қарабоев 17,
Тел.: (+992-37) 233-27-55
E-mail: mavz80@mail.ru
21 майи соли 2025.

ШЎЪБАИ КАДРҲО